106-111

**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-079**
**назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи**
**А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ______
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 28.06.2025, № 16

Дар бораи сазовор донистани Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ. Диссертатсияи Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович дар мавзӯи «Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ ба ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 апрел соли 2025 (Протоколи № 9) қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2024, №364 ш/д).

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович 13-уми марти соли 1967 таваллуд шудааст. Ӯ соли 1991 Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлобро аз рӯи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти рус хатм намудааст. Дар давоми солҳои 1991 – 1992 ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти рус дар МТМУ №1 ноҳияи Восеъ фаъолият кардааст. Ӯ аз 7 – уми ноябри соли 1992 то ба имрӯз дар вазифаҳои гуногуни Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат карда истодааст. Солҳои 2004-2008 ва солҳои 2012-2015 дар Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии исломии Афғонистон ба ҳайси дипломат фаъолият намудааст. Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович зинаи унвонҷуиро солҳои 2022-2025 дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баховаддинови АМИТ гузаронидааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Зиёӣ Хуршед Махшулзода** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, муовини директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра** – доктори илмҳои фалсафа, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

2. **Маҳмадбеков Моёншо Шодмонович** – доктори илмҳои сиёсӣ, директори муассисаи «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли

аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Асомадинов М.А., эксперт (омодасози лоиҳаи тақриз) номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Ҳаким-зода Севар Косимовна ва котиби маҷлис, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Раҳматов У.Н. имзо гардидааст, қайд менамоянд, ки диссертатсияи Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович дар мавзӯи «Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳқиқоти мукаммал, дорои сохтори ягона, кори мустақилона анҷомёфта ва дорои навгонии илмӣ мебошад. Диссертатсияи Ҳакимов Ҷ.А. аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба талаботи бандхои 31-33- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаҲи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ аст.

Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович оид ба мавзуи диссертатсия 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунйн оид ба масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ дар конференсияи зиёди ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад намуда, вобаста ба ин 2 мавод чоп гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд:

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

**[1-М]** Ҳакимов Ҷ.А. Идеологияи девбандия ва нақши он дар ташаккули толибизм // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ.- Душанбе, 2023.–№2.-С.145-152.

**[2-М]** Ҳакимов Ҷ.А. Марҳилаи ибтидоии ташаккули толибизм (солҳои 1994-1996) // Илм ва амният маҷаллаи илмии Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. – № 4(6). - С. 55-62.

**[3-М]** Ҳакимов Ҷ.А. Сохтор ва идеологияи иртиҷоии ҳаракати «Толибон» // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. – №2. - С.299-306.

**[4-М]** Зиёӣ Х.М., Ҳакимов Ҷ.А. Оқибатҳои назариявию амалии идеологияи динию сиёсии ҳаракати «Толибон» дар таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва

ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ.- Душанбе, 2024. – №1.С.193-200.

## II. Маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ

**[5-М]** Ҳакимов Ҷ.А. Толибизм дар марҳилаи сеюми ташаккули худ (соли 2001 то 15.08.2021) // Маводи конференсияи чумхуриявии илмию назарияви «Масъалаҳои мубрами фалсафаи муосир:мушкилот ва дурнамои он». – Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, факултети фалсафа, Душанбе.-2024.- С.138-147.

**[6-М]** Ҳакимов Ҷ.А. Идеологияи толибизм ва ҳаракатҳои дигари террористию экстремистӣ. Маҷмуаи мақолаҳои конфронси илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Муқовимат бо ифротгароӣ ва шеваҳои таъмини ҳаёти осоишта» – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои ҷомеашиносӣ, - Хуҷанд, 2023. - №1/13. С. 161-171.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**1. Муминзода А.** – доктори илмҳои фалсафа профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва чунин эрод дорад:

– Дар диссертатсия ва автореферати муҳаққиқ калимаҳои зиёди хориҷӣ мавҷуданд, кӣ онҳоро ба забони тоҷикӣ бармегардонид, беҳтар мешуд;

– Мафҳумҳои «идеология», «амният», «таъсир», «толибизм», шарҳу тавзеҳ ё таъриф дода мешуд, беҳтар мебуд.

– Дар объекти тадқиқот гузоштани калимаи “шароити”, имконияти таҳқиқи мавзуъро маҳдуд кардааст.

**2. Иброҳимов М.Ф.** – доктори илмҳои таърих, муовини директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва ягон эрод надорад.

**3. Нуриддин П.Р.** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат аст ва ягон эрод надорад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқшуда, аз ҷумла дар бораи ҷанбаҳои гуногуни идеологияи экстремистию террористӣ, гуруҳҳои террористӣ дар

Ҷумҳурии исломии Афғонстон, таъсири тафаккури ифротӣ ва таҳдидҳои амниятии аз Афғонстон ба Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақа бароянда, масъалаҳои методологии омӯзиши таҳдидҳо, сиёсисозии дин, экстремизми динӣ, мушкилот ва дурнамои онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, гуруҳҳои экстремистию террористӣ ҳамчун воситаи расидан ба ҳадафҳои геополитикии кишварҳоӣ Ғарб, стратегияи сиёсати хориҷии кишварҳои минтақа ва ҷаҳон оид ба Афғонистон ва ғайра корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд.

Муассисаи пешбар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар самти омӯзиши масъалаҳои муҳими ҳаёти сиёсии ҷомеа, равандиҳои сиёсии ҷомеа ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар шароити имрӯза, саҳми назаррас дорад. Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, инчунин, ба масъалаҳои зоҳиршавӣ ва пешгирии таҳдиду хатарҳои нави замони муосир, масоили таъмини субот ва устувории сиёсии Ҷумҳурииии Тоҷикистон аҳаммияти хоса медиҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– дар асоси таҳлил ва хулосабарориҳои аниқи илмӣ мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои фаъолияти гурӯҳи «Толибон» мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда аз онҳо натиҷагири карда шудааст. Ҳангоми омӯзиш аз назари муҳаққиқони давраҳои гуногун, луғатҳои соҳавӣ ва ғайра истифода карда шудааст;

– асосҳои назариявии фаъолияти гурҳи «Толибон» дар ҳаёти сиёсии Афғонистон ва кишварҳои минтақа, мавриди омӯзиш қарор гирифта, таъсири он хусусан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолнокии сиёсии ҷавонон муайян гардидааст. Вобаста ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявии фаъолнокии сиёсии ҷавонон хулосаҳои нав пешниҳод карда шудааст;

– фаъолияти гурҳи «Толибон» ба сифати субъект дар муносибатҳои сиёсии Аморати исломии Афғонистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳолати таъсиррасонии идеологии ин гуруҳ ба тамоюлҳои инкишофи равандҳои минтақа нишон дода шудааст;

– таъсири идеологияи сиёсию динии ҳаракати «Толибон» - толибизм ба Тоҷикистон муайян карда шуда, моҳияти радикалии девбандия ҳамчун сарчашма ва асоси ғоявии ин ҳаракат ва ҳамбастагии идеологии он бо ҳаракатҳои дигари террористию экстремистӣ мушаххас гардидааст;

– се марҳилаи ташаккули идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» аз ҷиҳати назариявӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин, таъсири мактаби «девбандия» дар ташаккули идеологияи сиёсию динии гуруҳи «Толибон» ки бар зидди тоҷикон ва дигар қавму миллатҳо дар Афғонистон нигаронида шудааст таҳқиқ ва хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод гардидаанд;

– таъсири идеологияи сиёсию динии ҳаракати «Толибон» ба таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, сабабҳои геополитикӣ, сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мафкуравии густариши идеологияи иртиҷоии ин ҳаракат дар равандҳои минтақа, хусусан Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро** мақсади таҳқиқот муайян менамояд ва иҷрои онро ҳалли чунин вазифаҳо дар бар мегирад:

– равшан сохтани заминаҳои назариявӣ ва таърихии идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон», аз ҷумла нақши ҷараёни девбандия дар ташаккули идеологияи сиёсии ин ҳаракат;

– муайян намудани хусусиятҳои ташаккули идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» дар се марҳалаи рушди таърихии он аз соли 1994 то даврони муосир;

– муайян ва мушаххас намудани сохтор ва моҳияти идеологияи сиёсӣ-радикалии ҳаракати «Толибон»;

– равшан сохтани муносибати идеологияи динию сиёсии ҳаракати «Толибон» бо ҳаракатҳои дигар дар Афғонистон ва дар минтақа;

– маълум намудани оқибатҳои назариявию амалии идеологияи динию сиёсии ҳаракати «Толибон» дар таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди тағйирпазирии масъалаҳои амниятӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз мукаммал сохтани маводи назариявӣ оид ба идеологияи сиёсию динӣ дар маҷмуъ ва идеологияи радикалии ҳаракати «Толибон» дар алоҳидагӣ иборат мебошад. Аҳаммияти амалии таҳқиқотро истифодаи он дар раванди банақшагирӣ ва роҳандозии сиёсати ҷумҳурӣ дар робита бо ҳаракати «Толибон» дар Афғонистон, таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои давлатии сиёсати хориҷӣ, китобҳои дарсӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар ташкил медиҳад.

Бинобар ин, мавриди таҳлил қарор додани идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таъсири идеологии созмону ташкилот ва равияву ҳаракатҳои динӣ-мазҳабӣ ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Афғонистон, ки низоми идоракунии диниро дорад аҳамияти муҳим дорад. Имрӯз бошад, идеологияи равияҳои тундгаро, ба вижа, идеологияи ҳаракати «Толибон» комилан ба идеологияи давлатӣ ва заминаи асосии низоми сиёсии идоракунии Афғонистон табдил ёфтааст. Вобаста ба ин бояд таъкид намуд, ки идеологияи ҳаракати «Толибон» як мафкураи радикалӣ буда, аз идеологияи мактаби девбандия (ё деобандия) ибтидо мегирад. Уламои девбандия ба ташаккули ақидаҳои динии ҳаракати «Толибон», дар навбати аввал, ба ҳалқаи роҳбарикунандаи ин ҳаракат таъсир гузоштаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада бо заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди сарчашмаҳо ва таҳқиқоти илмии эътирофшуда бо истифода аз методҳои умумимантиқӣ ва таҳлилҳои муқоисавӣ собит мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ бевосита аз сарчашмаҳои муътамади дар давраи фаъолияти касбӣ дар Афғонистон ба дастомада истифода карда, аз усулҳои таҳқиқотии мушоҳидаи бевосита корбарӣ намудааст ва мутахассиси ҳирфавии ҳамин самт ҳисобида шуда, натиҷаҳои таҳқиқотро бо дарназардошти таҷрибаи ғании корӣ таҳлил ва ҷамъбаст намудааст.

Маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз таърихи 28 июни соли 2025 дар бораи сазовор донистани Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 6 нафар.

Аз 15 нафар иштирокчиён, ки дар маҷлиси шуро ҳозир буданд, овоз доданд: тарафдор – 15, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _______________/ Қувватзода С.З

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _______________/ Сангинов Н.Н.